«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор
__________ Назарзода Х.Х.
«__» ______ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900– Молия (6D050901– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

## 1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна , ки дар мавзуи Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ омода карда шудааст, воқеан ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) омода гардидааст: 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ мутобиқат менамояд.

## 2. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ

Низоми бонкӣ дар ҷараёни фаъолияти доимоамалкунандаи иқтисодиёти миллӣ ва субъектҳои иқтисодӣ аҳаммияти бузурги иқтисодиро касб намуда, метавонад, ки ба раванди фаъолияти самараноки онҳо таъсири мусбат расонад.

Бояд қайд намуд, ки рушду нумӯи муносибатҳои молиявию иқтисодӣ ба фаъолияти фарох ва пайваста самараноки низоми бонкӣ вобаста буда, таъминкунандаи соҳаҳои мухталиф бо сармоя арзёбӣ карда мешавад. Махсусан дар шароити рушди босуботи иқтисоди рақамӣ ва ташаккули амалиёти фосилавӣ миёни субъектони иқтисодӣ аҳамияти иқтисодии ташкилотҳои қарзӣ тақвият ёфта истодааст. Рушди муносибатҳои иқтисодӣ-молиявӣ ва вусъатёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ташкилотҳои қарзӣ тақозо менамояд, ки барномаҳои ҳамаҷонибаи рушдро коркард намоянд ва сохтори ташкилии бонкро рушд диҳанд. Мавриди зикр аст, ки шароити муосири иқтисодӣ, махсусан шароити иқтисоди рақамӣ тақозо менамояд, ки усулҳои идоракунӣ, ҷорисозии равишҳои муосири хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ва татбиқи самараноки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар бозор тақвият дода шаванд.

Зимни татбиқи фаъолияти низоми бонкӣ таҳияи ва рушди стратегияи фаъолият аз ҷанбаҳои калидӣ маҳсуб шуда, суботи молиявии ташкилотҳои қарзиро таҳким мебахшад. Амалисозии сифатан баланди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба қабули стратегияи муваффақ вобаста буда, зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегия муҳити беруна баҳогузорӣ карда шавад ва баъдан қарорҳои дахлдор қабул карда шаванд.

Дарҷ намудан зарур аст, ки айни замон дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳабарияти ташкилотҳои қарзӣ бояд моҳияти стратегияи рушдро дарк намоянд ва аҳамияти иқтисодии онро барои ҳолати молиявии бонк баррасӣ намуда тавонанд. Гузашта аз ин, тартиби таҳия ва татбиқи самараноки стратегияи рушдро дар шароити иқтисоди рақамӣ дарк намуда, нақши онро дар фаъолияти молиявии бонк баҳогузорӣ намоянд.

Таҳқиқотҳо собит менамоянд, ки айни замон дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон масоиле мавҷуданд, ки ҳалли онҳо барои пешрафт ва тараққиёбии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ заминаи муносибро фароҳам оварда, суботи доимии низоми бонкиро таъмин месозад.

**3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо)**

**Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:**

1. Муҳаққиқ дар асоси омӯзиши асосҳои назариявӣ ва муайянсозии моҳияти иқтисодии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ имкон фароҳам овард, ки заминаи ташккули стратегияи рушд дар бонкҳои тиҷоратӣ мушаххас гардад, зарурияти истифодаи он дар фаъолияти ин ташкилотҳо асоснок шавад, хусусиятҳо ва методологияи банақшагирии стратегии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ шуда, имкониятҳои истифодаи онҳо зимни тарҳрезии стратегияи рушд дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ гардидааст;

2. омилҳои таъсиррасон ба ҷараёни амалишавии самараноки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ баҳогузорӣ шуда, имкониятҳои пешгирии онҳо тавсия гардидааст, дар баробари ин татбиқи самараноки стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир баҳогузорӣ гардидааст;

3. таҳлили ҳолати муосири низоми бонкӣ ва аҳамияти стратегияи рушд ба ҷараёни афзоиши нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва баррасии нақши технологияи молиявӣ дар татбиқи стратегияи рушди бонкҳо;

4. дар қисмати дигари навгониҳои илмӣ муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ шуд, масоили такмилдиҳии онҳо ҳамчун омили тақвияти стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ баҳогузорӣ шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна боиси он мегардад, ки бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардидаанд, ки ифодаи онро дар матни диссертатсия мушоҳида намудан мумкин аст.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти назариявии кори диссертатсиониро ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ ва андешаҳои дигар олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ, ташаккули сртегияи рушд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, аҳамияти бонкҳо дар иқтисодиёт, рушди бонкдории рақамӣ фаро мегирад.

Таҳқиқотҳои амаливу назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои методологӣ-назариявии ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар ин самт истифода гарданд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар истифодаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои омори расмӣ, маълумотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои расмӣ асос ёфта, натиҷаҳои тадқиқоти амалии гузаронидашуда ва тавсияҳои амалии барои таҳия ва дар амал татбиқ намудани стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Кулли давраи таҳқиқот, аз ҷумла: интихоби мавзуъ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он пурра бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Инчунин, саҳми шахсии муаллиф аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба муайян намудан ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, коркард, таҳлил ва тавсияву хулосаҳо доир ба омӯзиши таҳлилии онҳо иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои

илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ироа гардидаанд. Нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маъруза карда шудааст. Аз ҷумла дар конфренсияи ҷуҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб, Конфронсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф" Донишгоҳи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, шаҳри Бӯстон, соли 2022 мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бештари мақолаҳои довталаб дар солҳои 2021-2025, дар маводи конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров рӯйи чоп омадаанд.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявии рушди стратегии бонкҳои тиҷоратӣ дар иқтисодиёт»** моҳият ва зарурияти стратегияи рушд зимни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳо, шаклҳо ва давраҳои асосии банақшагирии стратегии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ва омилҳои таъсирбахш ба ҷараёни таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ ва омӯзиш шудааст. (саҳ. 15-63).

**Дар зербоби 1.1**-и диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки дар шароите, ки равади фаъолияти субъектони иқтисодӣ ба таври рақамӣ роҳандозӣ гардида истодааст, ва инноватсия ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи иқтисодиёт дониста мешавад, тақвиятбахшии фаъолияти бонкҳо ногузир мебошад. Танҳо дар асоси таҳияи сиёсати молиявии пурсамар, банақшагирии кулли фаъолияти хоҷагидорӣ, татбиқи менеҷменти босифат ва истифодаи ҳадафмандонаи захираҳои мавҷуда, бонк метавонад даромаднокии пайвастаи худро таъмин созад. Таҳияи сиёсати молиявии самаранок ва идоракунии босифат ба стратегия ва дурнамои коркарднамудаи бонк вобастагӣ дорад. Қабули стратегияи рушди бонк ҳамчун дастури фаъолияти бонк баромад намуда, дурнамои рушди бонкро муайян менамояд. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва татбиқи технологии инноватсионӣ дар пешбурди фаъолияти бонкҳо нақши стратегияи рушдро боз ҳам боло мебарад. Аз ин лиҳоз, таҳия ва қабули стратегияи рушд барои бонк санади муҳим арзёбӣ мегардад.(саҳ. 15). Бояд қайд намуд, ки нуктаи назари муаллиф қобили дастгирист ва воқеан бонкҳои тиҷоратӣ низ ҳамчун ташкилотҳои махсусе, ки дар бозори молия амал менамоянд, ба стратегияи такмилёфтаи рушд ниёз доранд.

Стратегияи рушди бонк дорои хусусиятҳои хоси худ буда, тамоми паҳлӯҳои фаъолияти бонкро бояд фарогирад. Зеро идоракунии бонк раванди мушкил буда, аз менеҷерони бонк дониши кофӣ ва малакаи касбиро тақозо мекунанд. Муаллиф таҳқиқотҳои олимонро омӯхта, дар ин асос ба он назар аст, ки ки дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҳияи стратегияи мукаммали рушд боиси пешрафт ва такомули фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ гардида, ҷараёни самаранокии фаъолияти молиявии онҳоро таъмин менамояд. Илова бар ин, ташкили стратегияи рушд имкон фароҳам меорад, ки бонки тиҷоратӣ дар бозор тибқи нақшаи вижа амал намояд ва амалиётҳои бонкҳо дар бозор аз рӯйи талабот ба роҳ монда мешавад (саҳ.18).

Аз нигоҳи муаллиф айни замон таҳияи стратегияи рушд бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ ва таҳаввулоти технологиву инноватсионӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ шароити фароҳам меорад, ки дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ фаъолияти густурда дошта бошанд ва дар ин раванд фаъолияти самаранокро таъмин сохта метавонанд (саҳ.18). Дар ин зербоб муллифи диссертатсия қайд менамояд, ки фаъолияти ҳадафмандона ва идоракунии стратегӣ метавонад, ки муваффақияти бонкро таъмин намояд. Масъалаи менеҷменти бонкӣ дар раванди ташккул ва пешрафти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бояд мавқеи асосӣ ва калидиро касб намуда бошад. Зеро имрӯз фаъолияти бонкҳо бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гардидааст ва зарурияти такмилдиҳии механизмҳои идоракунии бонкҳо пеш омадааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки низоми идоракунӣ ва усулҳои идракунии бонкҳо ҳамаҷониба мушкил гардидаанд ва танҳо дар асоси коркарди механизми самараноки идаракунӣ ва қабули қарорҳои воқеан таъсирбахш, метавонад фаъолияти густурдаи бонкро таъмин намояд, ки ин сатҳи хуби таҳқиқотро инъикос менамоянд(саҳ.23).

**Дар зербоби 1.2.** Муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки таҳлилҳо исбот намуданд, ки таҳкими мавқеи ташкилоти қарзӣ дар бозор, таҳкими сифати маҳсулотҳои пешниҳодшаванда, баланбардории иқтидори пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариён, афзоишдиҳии маҳсулотҳои нави бонкӣ бояд дар доираи стратегияи рушд коркард ва ҳал намоянд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки давраҳои ташаккул, хусусиятҳо ва шаклҳои банақшагирии стратегии бонкҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор дода шавад (саҳ.30).

Ба назари муаллиф ҷараёни банақшагирии стратегии фаъолияти бонк баҳогузорӣ кардани омилҳои таъсирбахш ба стратегияи бонк дониста мешавад. Чунин амалкард, яъне баҳодиҳии оқилонаи омилҳои таъсиррасон имконият фароҳам мееоранд, ки фаъолияти бонк пешгӯӣ карда шавад ва натиҷаҳои зарурӣ ба даст оянд.

Давраи дигар ва ниҳоят аҳамиятнок дар банақшагирии стратегии фаъолияти бонк ин баҳодиҳии имкониятҳо ва хатарҳо дониста мешавад. Дар ин давра, баҳодиҳӣ ва таҳлили омилҳо дар сатҳи микроиқтисодиёт ва макроиқтисодиёт роҳандозӣ карда мешавад. Арзёбӣ ва таҳлили омилҳои иқтисодӣ, ки ба стратегияи бонк таъсири манфӣ мерасонанд,

имконият медиҳанд, ки замина барои муайян кардани омилҳое, ки барои бонк имкониятҳои нави бозорро фароҳам меоранд ва хатари беруна доранд, фароҳам оварда мешавад.(саҳ.41-42).

**Дар зербоби 1.3**. Унвонҷӯ қайд мекунад, ки фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва таҳкимёбии иқтисодиёт метавонад бо омилҳои зиёде дар сатҳҳои микро ва макроиқтисод бархӯрд намояд. Иқтисодиёти рақамӣ дар пешрафти самтҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат аҳамияти зиёд дорад ва тараққиёти минбаъдаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт аз ин ҷараёни вобастагии зиёд дорад. Махсусан, дар пешравии низоми бонкӣ, афзоиши маҳсулотҳои пешниҳодшаванда ва болоравии сифати хизматрасониҳо нақши иқтисодиёти рақамӣ баланд арзёбӣ мегардад. Аммо дар ин ҷараён омилҳои зиёде мавҷуданд, ки таъсири манфии худро мерасонанд. Баҳодиҳии сарвақтӣ, таҳлили амиқ ва баррасии оқилонаи омилҳои таъсирбахш ба раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ метавонад заминаи фаъолияти самаранокро фароҳам орад ва бонкҳои тиҷоратиро аз таъсири эҳтимолии буҳронҳои молиявии гуногун эмин нигоҳ дорад(саҳ.45). Муаллиф зикр менамояд, ки омилҳое, ки ба ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ таъсири бевосита мерасонанд, зиёд мебошанд. Таъсири мутақобилаи ин омилҳо ба ҳар як ташкилоти қарзӣ ва ё бонки тиҷоратӣ хос аст ва ҳамеша бо мурури замон метавонад тағйир ёбад. Интихоби стратегияҳои якхела ҳеҷ гоҳ дар ҳолатҳои ба ҳам монанд рух намедиҳад. Омилҳое, ки дар ҷараёни ташаккули стратегияи рушд таъсир мерасонанд, аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ менамоянд ва дараҷаи таъсири онҳо низ фарқкунанда мебошад(саҳ.48).

**Дар боби дуюм – «Татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷораӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»** – татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ гардида, ҳолати муосири низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва аҳаммияти технологияи муосир ба раванди татбиқи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ гардидааст (саҳ. 60-113).

**Дар зербоби 2.1**. Самаранокии стратегияи бонкҳои тиҷоратӣ ба сатҳи татбиқи он вобастагӣ дорад. Танҳо дар асоси роҳандозии босамар ва баҳодиҳии саривақтии иҷроиши стратегияи рушд, бонки тиҷоратӣ метавонад, ки фаъолияти густурдаро татбиқ намояд. Банақшагирии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар доираи имкониятҳои молиявии бонк таҳия гардида, роҳу усулҳои татбиқи он коркард карда шаванд, ки ин аз малакаи таҳлилии унвонҷӯ дарак медиҳад. Ҳангоми арзёбии самаранокии стратегия, бояд меъёри мураккабии хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳо барои муқоиса ба назар гирифта шаванд, ки аз рӯи онҳо баҳогузорӣ анҷом дода мешавад. Дар ин ҷо душвориҳо ба миён меоянд, далел дар он аст, ки аз шумораи зиёди онҳо критерия интихоб кардан душвор аст, гарчанде ки тибқи таҳлили рақобат шумораи онҳо маҳдуд мебошад. Вобаста ба ин, бояд қайд кард, ки нишондиҳандаҳои мушаххасе вуҷуд надоранд, ки бевосита рушди инноватсионии

ташкилоти қарзиро муайян намоянд. (саҳ.68). Унвонҷӯ, махсусан қайд менамояд, ки ҳадафи стратегияи рушд дар дилхоҳ бонки тиҷоратӣ ин пеш аз ҳама баландбардории самаранокии фаъолият дар бозор ва таҳкими арзиши молиявии он маҳсуб мебад, ки дар шароити муосири иқтисодӣ амали зарурӣ арзёбӣ карда мешавад. (саҳ.74). Ҳамчунин дар ин зербоб қайд шудааст, ки агар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мувофиқи стратегияи рушди қабулгардида роҳандозӣ карда шавад, пас ноилгардӣ ба ҳадафҳои гузошташуда ва вазъи такмилёфтаи молиявиро метавонем таъмин намоем ва устувориву суботи бонкро замина гузорад. (саҳ.74-75).

**Дар зербоби 2.2.**-и сохтори институтсионалии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина ташаккул ёфта, маҷмӯи маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкиро барои муштариён пешниҳод намуда истодааст. Қобили қайд аст, ки ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ ба сатҳи инкишофи сохтори институтсионалии он вобастагии зиёд дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи воҳидҳои сохтории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2019-2023 мунтазам ташаккул ёфта, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳову маҳсулотҳои бонкӣ таъмин шудааст (саҳ.76-77). Таҳлил вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ташкилотҳои қарзӣ давра ба давра нишондиҳандаҳои молиявии худро тақвият бахшида, ҳолати рақобатпазириро таҳким бахшида истодаанд. Аммо ҷиҳати рушди устувор ва суботи молиявии доимӣ зарурият ба амал меояд, ки фаъолияти худро вобаста ба шароити муосир роҳандозӣ намоянд. Чунки, имрӯз бидуни ба назар гирифтани омилҳои таъсирбахш дар сатҳи макро ва микро-иқтисод бонк наметавонад, ки самаранокии фаъолият, пардохтпазирӣ, бозоргирӣ, даромаднокӣ ва касби мавқеи устуворро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъмин намояд (саҳ. 92-93).

**Дар зербоби 2.3.** дар раванди иҷроиши амалиёти бонкӣ ва коркарди маҳсулоти нави бонкӣ нақши технологияи муосир баланд баҳогузорӣ мегардад. Махсусан, дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ таҳияи стратегияи рушд бо назардошти рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ва ташкили низоми муассири инноватсионӣ дар дохили бонк аз ҷанбаҳои афзалиятноки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад. Андешидани тадбирҳо вобаста ба амалан татбиқ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ба василаи технологияи муосир метавонад, ки дар раванди таҳияи стратегияи рушд ба назар гирифта шавад. Рушди технологияи муосир ва таҳкимёбии муносибатҳои молиявӣ миёни субъектони иқтисодӣ ба ҷараёни фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бетаъсир намонд.

Унвонҷӯ чунин ақида дорад, ки ҷиҳати амалӣ намудани раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо қабул гардидаанд, ки метавонанд дар рушди иқтисоди рақамӣ заминаи мусоид фароҳам оранд. Қабули барномаҳои давлатӣ дар ин самт таваҷҷуҳи бевоситаи ҳукумати

мамлакатро инъикос намуда, мубрамияти масъалаи мазкурро нишон медиҳад. (саҳ.93-112).

**Дар боби сеюм «Мукаммалгардонии самтҳои асосии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ»** тадбирҳо оид ба такмили стратегияи инноватсионии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи меъёрҳои арзёбӣ ва баҳогузории стратегияи рушди ҶСК "Бонки Эсхата" ва такмилдиҳии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шудааст. (саҳ.112-163).

**Таҳқиқоти зербоби 3.1.** муаллиф дар диссертатсия қайд мекунад, ки ҷиҳати тақвияти фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ дар ҳошияи иқтисодиёти рақамӣ ва амалишавии самараноки стратегияи рушд, зарурияти андешидани чораҳои зерин тақозо мегардад: коркард ва ривоҷи технологияи муассири бонкӣ; пешниҳоди маълумоти мукаммал оид ба маҳсулотҳои нави бонкӣ ва хизматрасониҳо, то ки талаботи инноватсионии муштариён баланд бардошта шавад; татбиқи технологияҳои молиявии телекоммуникатсионӣ; тақвияти сатҳи амнияти иттилоотӣ ва воситаҳои интиқолдиҳандаи онҳо; ҷорисозии маҳсулотҳои бонкӣ бо истифодаи ВАО ва дигар сомонаҳои иҷтимоӣ; таҳкими савияи дониши кормандони ташкилотҳои қарзӣ оид ба истифодаи мақсадноки технологияи инноватсионӣ; роҳандозии ҳамкории густурда бо ширкатҳое, ки технологияи бонкиро истеҳсол ва коркард менамоянд.

Муаллиф дар он назар аст, ки андешидани чораҳои болозикр метавонанд, ки рушди инноватсионии ташкилоти қарзиро таҳким бахшида, имкониятҳои муътадили татбиқи равандҳои инноватсиониро фароҳам месозанд. Илова ба ин, дастрасии муштариён ба маҳсулотҳои бонкӣ афзоиш ёфта, доираи хизматрасониҳо ва номгӯи маҳсулотҳо тадриҷан зиёд мегардад (саҳ.112-125).

**Дар зербоби 3.2.** -и диссертатсия муаллиф дар он ақида мебошад, ки Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҷараёни нави рушд ворид гардида, ба пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт заминаи мусоидро фароҳам оварда, сармоягузориҳоро ба роҳ монд. Асосан дар шароити навини иқтисодӣ, ки рақобат миёни ташкилотҳои қарзӣ вусъат меёбад ва доираи бозори хизматрасониҳои бонкӣ густариш ёфта истодааст, масъалаи таҳияи стратегияи рушд ва татбиқи самараноки он боз ҳам мубрам мегардад. Зеро ба даст овардани даромад, таъмини пардохтпазирӣ, баландбардории азнавсармоягузорӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тақозо менамояд, ки ташкилоти қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ фаъол бошад ва ҳадафҳои гузошташударо ба пуррагӣ амалӣ карда тавонад. Амалӣ намудани ҳадафҳои молиявии гузошташуда аз фаъолияти густурда ва самаранок вобаста буда, истифодаи мақсадноки захираҳои молиявиро талаб менамояд. Дар ин самт, стратегияи рушд ҳамчун санади махсус барои бонк заминаи мусоиди рушдро фароҳам меорад ва ҳадафҳои молиявии бонк дар он мушаххас карда мешавад (саҳ.127-128).

**Дар зербоби 3.3.** -и диссертатсия унвонҷӯ масъалаи вазъи муосири иқтисодӣ инъикосгари пайомадҳои зиёди технологӣ ва инноватсиониву

рақамиро баррасӣ намуда, чунин мешуморад, ки рушди босуръати технологияи инноватсионӣ ва таҳкимёбии муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ дар заминаи иқтисоди рақамӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун омили таҳрикбахшандаи фаъолият арзёбӣ карда мешавад. Дар чунин шароити бидуни банақшагирии фаъолият, таҳияи нақшаи комили молиявӣ ва истифодаи равишҳои стратегӣ таъмин намудани фаъолияти самаранок ғайриимкон мебошад.

Болоравии сатҳи рақобатнокӣ дар низоми бонкӣ ва васеъшавии доираи бозори хизматрасониҳои бонкӣ сабаб гардидааст, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҷараёни фаъолияти худро ба таври доимӣ назорат намуда, вижагиҳои бозорро доимо баҳогузорӣ намоянд. Баҳогузории вазъи бозор ва таҳлили ҳолати рушди иқтисодӣ метавонад, ки барои ташкилотҳои қарзӣ фазои муносиби кориро таҳия намуда, иҷроиши стратегияи рушдро таъмин намояд. Таҳлилҳои гузаронида собит карданд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ ҳамон ташкилотҳои қарзиё метавонанд муваффақияти назаррас дошта бошанд, агарравнадҳои стратегӣ ва ҷараёни рушди технологияҳои инноватсиониро ба инобат гирифта тавонанд. Дар акси ҳол ба даст овардани муваффақият дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ амри маҳол боқӣ хоҳад монд. Айни замон ва бо тақозои равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки иқтисоди рақамӣ давра ба давра рушд ёфта истодааст ва инноватсия ҳамчун ҷузъи ҷудоинопазири фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ гардидааст, ташкилотҳои қарзиро зарур меояд, ки ин ҷараёнро ба инобат гирифта, татбиқи фаъолияти худро дар ин замина ба роҳ монанд (саҳ.146-147).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Бисёр бамаврид мебуд қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқотро бо стратегияҳои давлатӣ хусусан, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 ва ғайраҳо асоснок карда мешуданд;

1. Дар зебоби якуми боби якум нуқтаи назари олимони хориҷӣ доир ба стратегияи идоракунӣ оварда шудааст. Хуб мешуд муаллиф таъриф ва ақидаҳои олимони ватаниро васеътар дида мебаромаднад.

2. Ҷадвалҳои 2.2 саҳифаи 82, 2.5 саҳифаи 88, 2.6 саҳифаи 90 ва дигар ҷадвалҳои маълумотҳои омориии овардашуда солҳои гуногунро фаромегиранд. Хуб мешуд маълумотҳои оморӣ як давраи ҳисоботиро дар бар мегирифтан беҳтар мешуд;

4. Дар зербоби 1.3 бояд қайд намоем, ки маълумоти зиёдеро муаллиф мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст, вале омилҳои таъсирбахш дар ҷараёни таҳияи стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ равшан нест;

6. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф бисёр маълумотҳои оморӣ, факту далелҳои илмиро ҷамъоварӣ карда, таҳлилҳо гузаронида аст, аммо на ҳамаи таҳлилҳо дар хулосаи боби дуюми диссертатсия нишон дода шудаанд;

7. Бисёр хуб мебуд, ки агар дар боби сеюм самтҳои асосии стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ бо таври мушаххас нишон дода мешуданд.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда**

Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорик ва санадҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) омода гардидааст: 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, махсус бояд таъкид намуд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 21 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабърасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 21 мақола, ки 7 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст, мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна дар мавзуи «Ташаккули стратегияи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) омода гардидааст: 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5.

Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия Қобилова Шафоатҷон Толибҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостнамудааш аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11 аз 29 майи соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 12- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедра — Дустматов Б.М.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедра — Ҳалимов Л.М.

Котиби ҷаласа, н.и.и., дотсент — Абдуллозода А.Б.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Дехоти, 1/2. http://www.tguk.ti. E-mail: tguk2025@gmail.com тел: +992 (37) 234-85-46

Имзоҳои Дустматов Б.М., Ҳалимов Л.М. ва Абдуллозода А.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.